**МИССИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ НОЗИРОНИ ИНТИХОБОТ**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон, Интихоботи Президентӣ, 6-уми ноябри соли 2013**

# ИЗҲОРОТИ МУШОҲИДАҲО ВА ХУЛОСАҲОИ АВВАЛИН

**Душанбе, 7 ноябри соли 2013** – изҳороти мазкур оид ба мушоҳидаҳо ва хулосаҳои аввалин натиҷаи кӯшишҳои умумии Дафтари САҲА оид ба институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи башар (САҲА/ДИДҲБ), Ассамблеяи парлумонии САҲА (АП САҲА) ва Парлумони Аврупо (ПА) ба ҳисоб меравад.

Гордана Чомич (Сербия) ба ҳайси Ҳамоҳангсози махсус аз ҷониби Роҳбари амалкунандаи САҲА таъин гардида, роҳбарии миссияи кӯтоҳмуддати назоратиро ба ӯҳда дорад. Роҳбарии ҳайати АП САҲА-ро Маргарета Седерфелт (Шветсия) ва роҳбарии ҳайати ПА-ро Элизабет Ҷеггл (Олмон) ба ӯҳда доштанд. Параскива Бадеску (Руминия) Роҳбари Миссияи нозирони интихоботии САҲА/ДИДҲБ, ки фаъолияти худро аз санаи 2 октябр шурӯъ кард, мебошад.

Ҳадаф аз гузарондани арзёбӣ ин муайян кардани он, ки оё интихобот ба ӯҳдадориҳои САҲА ва меъёрҳои байналмилалӣ оид ба интихоботҳои демократӣ, инчунин ба ӯҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон ва қонунгузории миллӣ ҷавобгӯ ҳаст ё на. Изҳороти мазкур оид ба мушоҳидаҳо ва хулосаҳо пеш аз баргузории ҷараёни интихобот пешкаш гардидааст. Арзёбии ниҳоии интихобот қисман аз баргузории давраҳои боқимондаи чараёни интихобот, аз ҷумла, ҳисоб, ҷадвалу эълонҳои натиҷаҳо, аз баррасии арзу шикоятҳои эҳтимолӣ дар рӯзи баъд аз интихобот вобастагӣ хоҳад дошт. Бо гузашти тақрибан ҳашт ҳафтаи баъд аз хатми ҷараёни интихобот, САҲА/ДИДҲБ гузориши муфассали ниҳоӣ, ки дар худ тавсияҳо барои беҳбудкуниро дарбар мегирад, пешниҳод хоҳад кард. АП-и САҲА гузориши худро ба Кумитаи доимиамалкунанда ҳангоми ҷаласаи зимистонаи он дар Вена, моҳи феврали соли 2014 пешниҳод хоҳад намуд. ПА гузоришашро дар ҷаласаи навбатии Кумитаи корҳои хориҷии Парлумони Аврупо пешниҳод хоҳад намуд.

## ХУЛОСАҲОИ АВВАЛИН

Интихоботи президентии 6-уми ноябр дар Тоҷикистон оромона баргузор гардид, вале талаботҳои маҳдудкунандаи бақайдгирии номзадҳо сабаби вуҷуд надоштани интихоботи воқеӣ ва гуногунандешии аслӣ гардид. Маъракаи пешазинтихоботӣ ба таври қолабӣ ва бо вуҷуди имконияти маҳдуди овоздиҳандагон барои қабули қарори асоснокгардида баргузор гардид. Инъикоси фаъолияти мусбии ҳамаҷонибаи сарвари давлат тавассути васоити ахбори омма (ВАО)- и давлатӣ ба ӯ имкониятҳои васеъро фароҳам овард. Ҷиҳати мусбӣ дар он буд, ки Комиссияи марказии интихобот ва райпурсӣ барои дар сатҳи баланд шаффоф ва идораи ҳамаҷонибаи интихобот чораҳо андешанд. Камбудиҳои зиёде ба монанди овоздиҳии гурӯҳӣ, овоздиҳии васеъ ва ба ҷои касе дигар овоз додан, пур кардани қуттиҳои овоздиҳӣ бо бюллетенҳои қалбакӣ ба назар мерасиданд.

Интихоботи президентӣ дар чаҳорчӯбаи айнан ҳамон қонунгузории мавҷудаи интихоботи президентии соли 2006 гузаронда шуд, сарфи назар аз тавсияҳои қаблии САҲА/ДИДҲБ, ки ба беҳбуд намудани қонунгузорӣ равона гардида буданд. Норасоиҳои мавҷуда талаботҳои маҳдудкунандаи номзадҳо ва муқаррароти васеъ оид ба ҷабҳаҳои асосии ҷараёни интихобот марбут ба бақайдгирии овозҳо, баргузории чорабиниҳо ва талаботҳои рӯзи интихоботро дар бар мегирад. Маҳдудиятҳои номбаршуда марбут ба озодии сухан ба амали интихоботҳои демократӣ мусоидаткунанда нестанд. Чаҳорчӯбаи ҳуқуқӣ

беҳбудии комилро баҳри таъмини заминаи мустаҳкам барои гузаронидани интихоботҳои демократӣ тақозо менамояд.

Комиссияи марказии интихобот ва райпурсӣ (КМИР) мунтазам ҷаласаҳои кушод гузаронда, ба шаффофияти ҷараёни интихобот саҳм гузошт. Аъзоёни КМИР бо таври фаъолу муштарак масъалаҳоро муҳокимаронӣ намуда, дар доираи мӯҳлатҳои қонунӣ фаъолият намуданд. Бо иқдоми нек, КМИР қабл аз баргузории интихобот як қатор дастуру қарорҳоро қабул намуд. Бо вуҷуди ин, тартибҳои муҳим ба таври кофӣ танзим нагардида, баъзан ба номувофиқӣ дар татбиқи қонун оварда расонд. Гарчанде ки тамоми ҳизбҳои сиёсии бақайдгирифташуда дар КМИР намояндагони худро доранд, ҳеҷ гуна муқаррароте дар хусуси намояндагии мутаносиб дар комиссияҳои сатҳҳои поёнӣ вуҷуд надорад, ки шаффофиятро таъмин намояд. Дар давраи аввал, КМИР тамоми комиссияҳои участкавии интихобот (КУИ)-ро вазифадор намуд, то ки онҳо нусхаҳои натиҷаҳои протоколҳоро мавриди азназаргузаронии омма қарор диҳанд.

Набудани феҳристи марказии овоздиҳандагон ба ҳар гуна тафтиши дутарафа ҷиҳати воридсозии чанкарата ба рӯйхати овоздиҳандагон монеа шуда, аз ин сабаб, барои таъмин намудани поквиҷдонӣ дар қайди овоздиҳандагон имконият муҳайё карда нашуд. КУИ тавассути заҳматҳои фаъоли худ дақиқии рӯйхатҳои овоздиҳандагонро тариқи гашти хона ба хона мавриди тафтиш қарор доданд. Ба ин нигоҳ накарда, ҷараёни тафтиш мутобиқат надошт, ки сабаби он набудани дастуру муқаррароти возеҳ буд. КМИР эълом намуд, ки то мӯҳлати муқарарргардида барои ҷамъбасти рӯйхати интихобкунандагон ҳудуди 4,034,000 овоздиҳанда ба қайд гирифта шуданд.

Барои интихобот шаш номзад ба қайд гирифта шуданд, аз ҷумла Президенти феълӣ. Қонун ба номзадҳои мустақили худпешбарикунанда иҷозат намедиҳад, ки ин мухолифи ӯҳдадориҳои САҲА дониста мешавад. Яке аз номзадҳое, ки барои ба даст овардани теъдоди зарурии имзоҳои тарафдорон муваффақ нашуд, дар рафти ҷамъоварии имзоҳо ба монеаҳои маъмурӣ рӯ ба рӯ гашта, чунин изҳор намуд, ки баъзе аз овоздиҳандагон аз тарси мавриди таъқиби ҳукумат қарор гирифтан барои дастгирӣ намудани номзадии ӯ имзо нагузоштаанд. Талаботи тасдиққунии варақаҳои имзоҳо барои пешбарӣ комилан ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатиро барои гузоштани имзои худ баҳри пешбарии номзади арзанда аз байн бурд. Талаботҳои маҳдудкунанда барои номзадон, инчунин талаби беасоси теъдоди зиёди имзоҳо оид ба дастгирии номзадҳо монеаҳои назаррасеро ба миён оварданд, ки онҳо мухолифи ӯҳдадориҳои САҲА ва дигар меъёрҳои байналмилалии марбут ба интихоботҳои демократӣ мебошанд.

Новобаста аз кӯшишҳои ҳукумат оид ба бедор кардани тафаккури мардум дар маъракаи интихоботӣ норасоиҳои зиёде мавҷуд буданд, ки боиси бавуҷудоии маҳдудиятҳо гардидаанд. Сафарҳои зиёди Президенти феълӣ дар ҳудуди мамлакат бештар интишор гардид. Ҳокимиятҳои маҳаллӣ бехатарии зидди суистифодаи манбаҳои маъмурӣ ва фарқи байни давлат ва ҳизбҳои сиёсиро таъмин накардаанд, ки ин хилофи банди 5.4.-и Санади Копенҳагени САҲА 1990 мебошад. Ҷавонон дар маъракаи пешазинтихоботӣ дур монданд, ба истисноi рӯзҳои охир. Аксари номзадон бар хилофи Президенти феълӣ изҳори ақида нанамудаанд. Дар маҷмӯъ маъракаи пешазинтихоботӣ ба таври қолабӣ, бе вуҷуди баҳсҳои сиёсӣ гузашт, дар ҳоле, ки барои муҳити рақобатноки чунин маъракаҳо, ки дар онҳо ба овоздиҳандагон интихоби васеъ таъмин карда мешавад муҳим мебошад.

Васоити давлатии ахбори омма вақти баробарро барои номзадҳо ҷудо намуданд, ки онҳо гузоришҳои иттилоотӣ ва барномаҳои алоҳидаи озоди худро пахш намоянд. Аммо, пахши васеъ ва мусбии фаъолиятҳои расмии Президенти феълӣ аз ҷониби васоити давлатии ахбори омма ба ӯ авзалияти назаррасе фароҳам овард, ки ин мутобиқи банди 7.6-и Санади Копенҳагени САҲА 1990 нест. Фикрҳои

нодуруст ба манфиати Президенти кунунӣ дар васоити давлатии ахбори омма ва дастрасии маҳдуд ба иттилоот аз васоити ғайридавлатӣ ва интернетии ахбори омма норозигиҳоро ба миён овард.

Низоми ҳалли баҳсҳои марбут ба интихобот ба қадри чашмрас носанҷида монданд, ки сабаби он дар маҳдуд будани шумораи шикоятҳои расмии пешниҳодшуда ба комиссияҳои интихоботӣ ва судҳо мебошад. Дар маҷмӯъ, воситаҳо барои ҳалли ҳолатҳои риоя нагардидани ҳуқуқҳои интихобкунандагон дар қонун вуҷуд доранд, лекин ба ин нигоҳ накарда, якчанд мусоҳибони САҲА/ДИДҲБ аз надоштани эътимоди худ ба самаранокии низоми мазкур изҳори ақида намуданд. Аз миқдори ками шикоятҳои воридшуда, ҳамаи онҳо аз ҷониби судҳо дар сатҳи мурофиавӣ рад намуданд.

Ягон зане дар байни номзадон ба президентӣ набуд, гарчанде ки як зан пешбарӣ шуда буд. Намояндагии занҳо дар тамоми зинаҳои идоракунии интихобот дар сатҳи паст қарор дошт аз ҷумла, дар КУИ рӯзи интихобот зери назорат қарордошта.

Дар рафти чорабиниҳои пешазинтихоботӣ масоили аққалиятҳои миллӣ ва муносибатҳои байни миллатҳо мавриди баррасӣ қарор нагирифтанд. Бар хилофи маводҳои иттилоотии интихобкунанда, варақаҳои овоздиҳӣ ба забонҳои аққалиятҳои миллӣ ба чоп расиданд.

Новобаста аз оне, ки мақомот бо омодагии баланд нозирони байналмилалӣ ва намояндагони номзадонро қабул намуданд, онҳо ӯҳдадориҳои худро тибқи банди 8-и Санади Копенҳагени САҲА 1990 баҳри таъмин намудани ҳузури гурӯҳҳои назоратии шаҳрвандон ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ба таври пурра иҷро накарданд.

Рӯзи интихобот оромона гузашт. Нозирони МБНИ дар қисмати зиёди мушоҳидаашон рӯзи интихоботро манфӣ баҳогузорӣ кардаанд. Нозирони МБНИ оиди як қатор вайроншавӣ, аз он ҷумла овоздиҳии васеи ба ҷои нафари дигар, овоздиҳии гурӯҳӣ, ва инчунин пур кардани қуттиҳои овоздиҳӣ бо бюллетенҳои қалбакӣ қайд кардаанд. Бар хилофи дастурамалҳои КМИР КУИ протоколҳои натичаҳои овоздиҳиро барои шиносоии омма нагузоштанд.

## МУШОҲИДАҲОИ АВВАЛИН

### Замина

Интихоботи президентии 6-уми ноябр чорумин интихобот аз соли 1994 ба шумор меравад. Тағйироту иловаҳои ба Конститутсия (Сарқонун) дар соли 2003 воридшуда мӯҳлати Президентиро аз 5 ба 7 сол тамдид карда, ба як нафар ҳаққи ду маротиби пай дар пай номзад шуданро иҷозат дод. Дар интихоботи президентии қаблӣ дар таърихи 6-уми ноябри соли 2006, Президенти кунунӣ Эмомалӣ Раҳмон, ки аз Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон мебошад, бо гирифтани 79,3 фоизи овозҳо ғалаба ба даст овард.

Пас аз интихоботи парлумонии охирин дар соли 2010, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон (ҲХДТ), ки ҳизби ҳукмрон мебошад, роҳбарии онро Президенти феълӣ Эмомалӣ Раҳмон ба дӯш дорад, аз шумораи умумии 63 курсии Маҷлиси намояндагон, соҳиби 54 курсӣ гашт. Ҳизби Аграрии Тоҷикистон (ҲАТ), Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон (ҲКТ), Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон (ҲНИТ) ва Ҳизби Ислоҳоти Иқтисодии Тоҷикистон (ҲИИТ) дигар ҳизбҳое мебошанд, ки ҳар кадоми он дар парлумон соҳиби ду курсигӣ мебошанд. Дар Маҷлиси намояндагон 1 курсиро вакили мустақил соҳиб шудааст. Дар маҷмӯъ, ҳашт ҳизби сиёсӣ ба қайд гирифта шуда, сетои онҳо дар парлумон намоянда надоранд – Ҳизби Демократии Тоҷикистон (ҲДТ), Ҳизби Сотсиал-Демократии Тоҷикистон (ҲСДТ) ва Ҳизби Сотсиалистии

Тоҷикистон (ҲСТ). Дар давоми соли 2013, Президент Эмомалӣ Раҳмон якчанд маротиба эълом дошт, ки интихобот ба таври "демократӣ, озод ва одилона" баргузор хоҳад гузашт.

**Низоми Интихоботӣ ва Заминаи Ҳуқуқӣ**

Президент ба таври мустақим тавассути овоздиҳии умумӣ, бо гирифтани аксарияти мутлақи овозҳо ба мӯҳлати 7 сол интихоб мешавад. Агар ягон номзад аксарияти мутлақи овозҳоро ба даст наорад, пас овоздиҳии такрорӣ бо иштироки ду номзаде, ки шумораи бештари овозҳоро гирифтаанд, баргузор мегардад. Конститутсия (Сарқонун) муқаррар менамояд, ки барои боэътибор донистани интихобот, аз нисф зиёди интихобкунандагони ба қайд гирифташуда бояд дар овоздиҳӣ иштирок намоянд. Чунин муқаррарот метавонад ба давраҳои эҳтимолии интихоботҳои нокомшуда, ки аз ҳисоби шумораи ками иштирок ба миён меоянд, оварда расонад.

Заминаи ҳуқуқие, ки интихоботи Президентиро танзим менамояд, аз Конститутсия (Сарқонун)-и ҶТ, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Қонун оид ба интихоботи президентӣ, ҚИП), инчунин муқаррароти дахлдори дигар қонунҳо[1]. Конститутсия (Сарқонун) ҳуқуқи интихоб намудан ва интихоб шудан, инчунин озодии иттиҳодияҳо, ҷамъиятҳо ва фикрбаёнкуниро кафолат медиҳад. Вале маҳдудияти аз ҳад зиёд барои мувофиқат кардан ба ҳайси номзад дар қонун ҷой дорад (*ниг. Ба Бақайдгирии Номзад*). Илова бар он, маҳдудиятҳои мавҷудаи номбаршуда вобаста ба озодии сухан[2] ва риоя накардани озодии иттиҳодияҳо[3] ба гузарондани интихоботҳои демократӣ мувофиқ нестанд.

Дар солҳои 2012 ва 2013 ҲНИТ тағйироту иловаҳоро барои кам кардани шумораи имзоҳо ба тарафдории номзад аз панҷ фисад ба ду фисад ва шомилшавии баробари намояндагии ҳизбҳои сиёсиро дар ҳамаи комиссияҳои интихоботӣ пешниҳод намуд. Ин пешниҳодот дар сатҳи кумита рад шуда, мавриди хондани расмии парлумон қарор нагирифтанд.

Гарчанде ки ҚИП баъзе принсипҳои муҳими интихоботҳои демократиро[4] дарбар мегирад, он ба таври мукаммал ҷараёни интихоботро танзим намекунад. Мӯҳлати пешниҳоди номзадҳо ва ба қайд гирифтани номзадҳо беасос кам мебошад. Қонун муҳофизати зидди истифодаи захираҳои маъмурӣ дар интихоботҳоро таъмин наменамояд, бетарафӣ, дарбаргирӣ ва мустақилияти комиссияҳои интихоботиро низ таъмин нанамуда, инчунин назорати беҳизбии шаҳвандиро пешбинӣ намекунад. Аксарияти тавсияҳои қаблии САҲА/ДИДҲБ аз мадди назари қонун дур мондаанд. Интихоботи президентии

---

1 Аз ҷумла Қонун дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ, Қонун дар бораи маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, чорабиниҳо ва роҳпаймоиҳо, Қонун дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма, Кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, Кодекси шаҳрвандӣ-мурофиавӣ ва Кодекси ҷиноӣ.

2 Моддаҳои 137 ва 330-и Кодекси ҷиноӣ барои дар байни омма танқид кардани президент ва кормандони давлатӣ санксияҳои ҷиноӣ пешбинӣ менамоянд.

3 Ташаббуси таъсис додани ҳизби нави сиёсӣ, Ҳизби Тоҷикистони Нав бо ҳабси асосгузори он, собиқ Вазири саноат, Зайд Саидов қатъ гардид. Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи башар нигаронии худро тавассути гузоришҳо дар бораи мавқеъ доштани таъқиби бо сабабҳои сиёсии роҳбарони сиёсии мухолиф баён намуд. Нигаред ба Мушоҳидаҳои Хотимавии гузориши дуюми даврии Тоҷикистон дар: http://tbinternet.ohchr.org/_layouts/treatybodyexternal/Download.aspx?symbolno=CCPR%2fC%2fTJK%2fCO%2f2&Lang=en

4 Масалан, ба монанди пешгирӣ намудани маҳдудиятҳо дар ҳуқуқҳои интихобикунӣ ва инчунин баробарии имкониятҳо дар маъракаҳои пешазинтихоботӣ барои ҳамаи номзадҳо.

зикргардида дар чаҳорчӯбаи айнан ҳамон заминаи ҳуқуқии замони интихоботи президентии соли 2006 гузаронда мешавад. [5]

Қабл аз интихоботи кунунӣ, Комиссияи Марказии Интихобот ва Раъйпурсӣ (КМИР) якчанд дастурамалҳоро баҳри мукаммал намудани заминаи ҳуқуқӣ қабул намуд[6]. Ҳарчанд ки дастурамали аз ҷониби КМИР қабулгардида масоили дахлдорро пайгирӣ мекунад, лекин он на ҳамеша муқаррароти муфассалро оид ба ҷабҳаҳои муҳими идоракунии интихобот ба таври кофӣ манзур менамояд. Ин аз он дарак медиҳад, ки ислоҳоти мунтазами интихобот дар шакли дарбаргиранда ҳатмист.

**Идоракунии интихобот**

Интихобот аз ҷониби низоми комиссияҳои интихоботии сезинагии КМИР, 68 Комиссияҳои ҳавзавии интихоботӣ (КҲИ) ва 3 158 Комиссияҳои участкавии интихоботӣ (КУИ) идора карда мешавад. Илова бар ин, 61 нуқтаҳои иловагии интихоботӣ барои овоздиҳӣ берун аз кишвар, дар 27 давлат таъсис дода шуданд.

КМИР мақоми доимоамалкунанда буда, аъзоёни он дар соли 2009 ба мӯҳлати панҷ сол таъйин шудаанд. 15 аъзои КМИР, аз ҷумла раис ва муовини раиси КМИР-ро Маҷлиси намояндагон бо пешниҳоди Президент таъйин менамояд. Новобаста аз он, ки барои намояндагии ҳизби сиёсӣ дар комиссияҳои интихоботӣ вуҷуд надорад, вале тамоми ҳизбҳои сиёсии ба қайд гирифташуда дар КМИР-и феълӣ намояндагии худро доранд. Ин ба дарбаргирӣ ва шаффофияти чараёни интихобот мусоидат мекунад. Дар ҳайати аъзои КМИР 3 нафар занҳо низ фаъолият менамоянд, ки 1 нафарашон Котиби комиссия мебошад.

Аъзоёни КМИР барои нозирон, васоити ахбори омма ва намояндагони номзадҳо ба таври кушод ҷаласаҳои мунтазам баргузор менамояд. Аъзоён дар муҳокимаи масъалаҳо фаъолона ва дастаҷамъона иштирок намуда, қарорҳои худро тариқи овоздиҳии кушод қабул намуданд. КМИР тамоми мӯҳлатҳои қонуниро риоя намуда, бо иқдоми мусбӣ муқарраротеро сари вақт қабул намуд, ки ба ҷабҳаҳои алоҳидаи ҷараёни интихобот рашванӣ андохт. Аммо ба ин нигоҳ накарда, он барои ҷузъҳои алоҳидаи ҷараёни интихобот дастуре ба мисли ҷамъбасти рӯйхатҳои овоздиҳандагон, раъйпурсии барвақт ва мобилӣ, нашр ва тақсимоти варақаҳои овоздиҳӣ ва ҳисоби овозҳо қабул накардааст. Набудани чунин тартибот баъзан ба номутобиқии татбиқи амалҳо дар комиссияҳои сатҳи поёнӣ оварда расонд. КМИР 25-уми сентябр қароре қабул намуд, ки тибқи он КУИ бояд нусхаи протоколи натиҷаҳоро барои азназаргузаронии омма пешниҳод намоянд, ки ин қисман ба тавсияи қаблии САҲА/ДИДҲБ тааълуқ дорад.[7]

Мувофиқи қонун, КМИР баъд аз пешниҳодоти мақомоти маҳаллии иҷроия ҳамаи 68 КҲИ-ро таъин намуд. Аз рӯи мушоҳидаҳои МНИ САҲА/ДИДҲБ бармеояд, ки аъзоёни КҲИ дорои собиқаи гуногуни касбӣ буда, дар аксар маврид дар соҳаи идоракунии интихобот таҷрибаи қаблӣ доранд. Бисёри онҳо ба

---

[5] Дар илова ба гузоришҳои қаблии САҲА/ДИДҲБ оид ба назорати интихобот, нигаред ба Арзёбии Қонунгузорӣ дар бораи интихоботи президент ба сомонаи http://www.osce.org/odihr/elections/tajikistan/20043 .

[6] Дастурамалҳои КМИР барои кори комиссияҳои сатҳи поёнӣ; баррасии арзушикоятҳо; иштироки нозирон; нақши номзадҳо ва ашхоси боътимоди онҳо; инчунин пахши иттилоотии маъракаи интихобот ҳамчун роҳнамо хизмат намуданд.

[7] Қаблан САҲА/ДИДҲБ чунин тавсия пешниҳод намуд, ки “Бояд ба ҳамаи нозирон ҳуқуқи гирифтани нусхаи протоколҳои натиҷаҳои участкаҳои интихоботӣ дода шавад”.

ҳизби сиёсӣ, пеш аз ҳама ба ҳизби ҳукмрони ҲХДТ мансуб мебошанд.[8] Нововбаста аз оне ки, 21 фоизи аъзёни КҲИ занҳо мебошанд, танҳо 5 фоизи онҳо раисон, муовинони раис ва котибон мебошанд.

Дар доираи мӯҳлатҳои қонунӣ, КҲИ 3,158 КУИ-ро иборат аз 7 то 19 аъзо вобаста ба шумораи овоздиҳандагони ба қайд гирифташудаи дар ҳудуди участкаи марбута таъин намуд.[9] Аз ҷиҳати моддию техникӣ мақомоти маҳаллӣ ба КУИ кӯмак намуданд. Тартиби пешбарикунӣ барои аъзоёни КҲИ дар КИП ё дастурамалҳои КМИР махсусан пешбинӣ нагардидааст, аммо аксари КУИ аз муаллимони мактабҳое, ки дар дохили онҳо нуқтаҳои интихоботӣ таъсис дода шуда буданд иборат буданд.

Аз таърихи 22 октябр то 5 ноябр, КУИ раъйпурсии пеш аз мӯҳлатро бо шахсоне, ки дар рӯзи интихобот ҳузур надоштанд, гузарониданд. Овоздиҳандагони зикргардида мебоист сабаби овоздиҳии пеш аз мӯҳлатро дар ҷои алоҳидаи варақаҳои махсуси интихоботӣ, ки барои овоздиҳии пеш аз мӯҳлат истифода шуданд, нишон диҳанд, вале ин ҳолат метавонад ба ҳифзи махфияти овоз халалдор шавад. Дар варақаҳои интихоботии пеш аз мӯҳлат номҳои номзадон оварда нашуда буданд, ки ин аз интихобкунандагон тақозои онро мекард, ки онҳо номи номзади интихобкардаи худро навишта монанд.[10] Ғайр аз он, КУИ ба интихобкунандагон даъватномаҳо ирсол намуданд, ҷойҳои нуқтаҳои овоздиҳиро барои интихобот омода намуда, тартиботи рӯзи интихоботро идора намуданд.

КМИР ва КҲИ барои аъзоёни КУИ барномаи омӯзиши умумиҷумҳуриявиро амалӣ намуданд. Як ҳафта қабл аз рӯзи интихобот, КМИР барномаи маърифатии овоздиҳандаро тариқи шабакаҳои телевизионӣ пахш намуданд, ки он ба ҳуқуқҳои овоздиҳандагон ва тартиботи рӯзи интихобот равона гардида буданд.

**Бақайдгирии Овоздиҳандагон**

Ҳамаи шаҳрвандони аз 18-сола боло ҳуқуқи овоздиҳӣ доранд, ба истиснои онҳое, ки бо ҳукми суд аз озодӣ маҳруманд ё ғайри қобили амал эълом шудаанд. Комилан маҳрум сохтани ҳуқуқи овоздиҳии ашхосе зиндонибуда мухолифи ӯҳдадориҳои САҲА ва дигар меъёрҳои байналмилалӣ роҷеъ ба интихоботҳои демократӣ дониста мешавад[11]. Феҳристи ягонаи овоздиҳандагон вуҷуд надорад ва ҳар як КУИ рӯйхати овоздиҳандагонро дар асоси маълумоти пешниҳодшуда аз ҷониби мақомоти маҳаллӣ тартиб медиҳад. Шаҳрвандон дар рӯйхати интихобкунандагон мувофиқи ҷои истиқомати доимӣ ё муваққатиашон дохил карда шудаанд.

Набудани феҳристи марказии овоздиҳандагон ба ҳар гуна тафтиши ҳаматарафаи умумимиллӣ барои пешгирии воридсозии чанкарата ба рӯйхати овоздиҳандагон монеа шуд. Эҳтимол аст, ки масъалаи поквиҷдонӣ дар рӯйхати овоздиҳандагон низ бо сабаби баъзе аз муқаррароти хилофатдошта дар

---

8 Тибқи иттилои аъзоёни 29 КҲИ ба МНИ САҲА/ДИДҲБ, ҳиссаи мансубияти ҳизбҳо чунинанд (267 аъзо): 43 фоиз ба ҲХДТ, 8.6 фоиз ба ҲКТ, тақрибан 6 фоиз ба ҳизбҳои хурдтар ва 5.6 фоиз ба ғайриҳизбҳо мансубият доранд. Боқимонда дигар аъзоён ҳангоми сӯҳбат аз додани маълумот канораҷӯӣ намуданд.

9 Участкаи интихоботӣ метавонад аз 20 то 3,000 интихобкунандаи қайдшударо дарбар гирад.

10 Нигаред, масалан ба қисми 3.2.1-и Маҷлиси Комиссияи Венетсиягии Аврупо соли 2002 оид ба Кодекси Таҷрибаи Хуб дар Масоили Интихоботӣ, ки дар он чунин оварда шудааст: "озодии интихобкунандагон барои ифодаи хоҳишҳои худ" ба интихобкунандагон бояд "варақаҳои овоздиҳии дорои номҳои номзадҳо" таъмин карда шавад.

11 Мутобиқи банди 7.3-и Санади Копенҳагени САҲА 1990 Давлатҳои иштироккунанда бояд "ҳуқуқи овоздиҳиро барои ҳама ва баробар барои калонсолон кафолат диҳанд, модоме ки дар банди 24 омадааст, ки маҳдудияти ҳуқуқҳо ва озодиҳо бояд "мутаносибан ба мақсади қонун бошанд". Ғайр аз он, нигаред ба банди 14-и Эроди Умумии 1996 таҳти рақами 25 ба Моддаи 25-и Аҳди Байналмилалӣ оид ба Ҳуқуқҳои Шаҳрвандӣ ва Сиёсӣ (АБҲШС) аз ҷониби Кумитаи СММ оид ба Ҳуқуқи Башар (КСММҲБ), ки тибқи он далелу асосҳо барои маҳрумсозии ҳуқуқи овоздиҳӣ бояд "воқеъбинона" ва "оқилона" бошад.

дастурамалҳои КМИР барои КУИ зери таъсири манфӣ қарор гирифта бошад. [12] Чи тавре ки КМИР ба МНИ САҲА/ДИДҲБ иттилоъ дод, бо сабаби надоштани захираҳои молиявӣ имконияти амалӣ сохтани тавсияи қаблии САҲА/ДИДҲБ-ро роҷеъ ба ташкил додани феҳристи ягонаи овоздиҳандагон надошт. КМИР хабар дод, ки то санаи 18-уми октябр, қариби 4,034,000 овоздиҳанда ба қайд гирифта шудааст ва 4,201,156 овоздиҳанда дар охири овоздиҳӣ ба рӯйхати овоздиҳандагон ворид шудаанд, гарчанде ки маълумот дар сатҳи КҲИ ва КУИ пешниҳод карда нашуд.

КУИ тавассути заҳматҳои фаъоли худ дақиқии рӯйхатҳои овоздиҳандагонро усули гаштани хона ба хона мавриди тафтиш қарор доданд, вале ба ин нигоҳ накарда, ҷараёни тафтиш гуногун суръат гирифт, ки сабаби он набудани дастуру муқаррароти возеҳ буд.[13] Аз рӯи мушоҳидаҳои МНИ САҲА/ДИДҲБ ҳолатҳое вуҷуд доштанд, ки КУИ муҳоҷирони меҳнатӣ, овоздиҳандагони бори нахуст, инчунин овоздиҳандагони дар хона қарордоштаро аз рӯйхати асосии интихобкунандагон хориҷ намуда, барои овоздиҳандагони мазкур рӯйхатҳои алоҳидаи ғайрирасмӣ таъсис доданд.[14]

Рӯйхати интихобкунандагон дар КУИ 15 рӯз пеш аз интихобот барои азназаргузаронии умумӣ пешниҳод гардид. Аз ҳамон лаҳза шурӯъ намуда то охири рӯзи интихобот, овоздиҳандагонро метавонанд дар рӯйхати иловагии интихобкунандагон дар асоси шиноснома ё дигар санади мушаххаскунанда дохил намоянд.[15] Овоздиҳандагоне, ки ҷои истиқоматашонро дар давоми 15 рӯзи пеш аз санаи интихобот иваз намуданд, аз КУИ-и пешин метавонистанд Шаҳодатномаи Ҳуқуқи Овоздиҳиро дархост намуда, дар ҷои нави истиқоматашон овоз диҳанд.

**Бақайдгирии Номзадҳо**

Шаҳрвандоне, ки синнашон аз 35 боло аст, забони давлатиро медонанд ва таи даҳ соли охир дар Тоҷикистон зиндагӣ кардаанд, метавонанд ҳамчун номзад ба мансаби Президент пешбарӣ шаванд. Ашхоси дорои таърихи "нопоки" ҷиноӣ дошта ва рӯҳониён дар интихобот пешбарӣ шуда наметавонанд. Талаботи вобаста ба ҷои истиқомат зиёдатӣ буда, талаботи забондонӣ норавшан аст, ки ин хусусияти табъизӣ дорад. Чунин талаботҳо ба ҳуқуқи интихоб шудан маҳдудиятҳои беасос пеш оварда, мухолифи ӯҳдадориҳои САҲА ва меъёрҳои байналмилалӣ маҳсуб меёбад.[16] Бар замми ин, аз ашхоси ба мансаби президентӣ пешбаригашта тақозо карда мешавад, ки барои дастгирӣ ва ба қайд гирифтани номзадиашон

[12] Мувофиқи Моддаи 47-и дастурамали КМИР барои КУИ, овоздиҳандагон метавонанд ба рӯйхатҳои иловагии интихобкунандагон бо пешниҳоди шаҳодатномаҳои ҷои кор, иҷозатномаи ронандагӣ ё шаҳодатномаи хизмати ҳарбӣ илова карда шаванд. Ҳеҷ яке аз ин ҳуҷҷатҳо дар худ маълумот оид ба ҷои истиқомат надоранд. Ба ин нигоҳ накарда, дар асоси Моддаи 72-и дастурамалҳои мазкур, овоздиҳандагон ба рӯйхати иловагӣ тавассути пешниҳоди санади тасдиқкунандаи ҷои истикомат дохил карда мешаванд.

[13] Мувофиқи мушоҳидаҳои МНИ САҲА/ДИДҲБ, аксари КУИ дар КҲИ 6, 9, 10, 11, 12, 13, 16, 53 ва 55 барои дохил кардан ба рӯйхати овоздиҳандагон санади муайякунандаи шахсият талаб намуданд, аммо баъзе КУИ дар КҲИ 18, 48, 56 ва 62 ба иттилооти шифоии аъзоёни оила такя намуданд.

[14] Дар КҲИ 23, 35, 36, 51, 56, 58, 60 ва 67.

[15] Нигаред, масалан ба қисмҳои 1.2.iv, параграфи 7-и Комиссияи Венетсиягии Аврупо оид ба Кодекси Таҷрибаи Хуб дар Масоили Интихоботӣ, ки дорои чунин тавсия мебошад: "будани тартиботи маъмурӣ ҳатмист – вобаста ба назорати қонунӣ – ё тартиботи қонуние, ки ба интихобкунандагон имкони ворид намудани номашонро дар феҳрист надиҳанд; [....] Сарфи назар аз ҳолатҳои гуногун, участкаҳои интихоботӣ набояд иҷозати ба қайд гирифтани интихобкунандагонро дар рӯзи интихобот дошта бошанд".

[16] Нигаред ба банди ҳои 7.3 ва 24-и Санади Копенҳагени САҲА 1990 (дар боло оварда шудааст) ва банди 15-и Эроди Умумии 1996 таҳти №25 зери Моддаи 25-и АБҲШС чунин муқаррарот дорад: "одамоне, ки бо ҳар сабабе дар интихобот қобили қабули пешбарӣ шудан мебошад набояд бо сабабҳои беасос ва табъизкунанда хориҷ карда шаванд".

ҳадди аққал панҷ фоизи интихобкунандагони қобили овозро ба даст оранд. Чунин талаботи марбут ба ҷамъи имзоҳои овоздиҳандагон беасос баланд мебошад.[17]

Мувофиқи қонун, ҳизбҳои сиёсии ба қайд гирифташуда, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақил, Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон ва Маҷлисҳои минтақавӣ метавонанд номзадҳои худро пешбарӣ намоянд. Ҳафт ҳизб номзадҳои худро дар интихобот пешбарӣ намудаанд: ҲАТ, ҲКТ, ҲДТ, ҲНИТ, ҲХДТ[18], ҲИИТ ва ҲСТ. Қонунгузорӣ худпешбарии номзадҳои мустақилро иҷозат надиҳад, ки ин аз доираи ӯҳдадориҳои САҲА берун мебошад.[19]

Дар санаи 31-уми август, КМИР эълом дошт, ки шумораи интихобкунандагон 4,024,914 нафарро ташкил дод ва ҳиссаи имзоҳои барои пешбарии номзадро 5 фоиз, яъне 210,000 имзо муқаррар намуд. [20] Интихобкунандагон метавонанд танҳо ба тарафдории як номзад имзои худро диҳанд[21] ва мақомотҳои пешбарикунандаи номзадҳо бояд танҳо варақаҳои ҷамъовариии имзоҳоеро истифода баранд, ки аз ҷониби раисони шаҳру ноҳияҳо тасдиқ шудаанд.[22] Баъдан, ашхоси расмии мазкур протоколҳои ҷамъбасти натиҷаҳои ҷамъоварии имзоҳоро тасдиқ намудаанд, лекин мақсад аз чунин тасдиқкунӣ норавшан боқӣ монд.[23] Ингуна тартибот имконияти ҷамъ намудани имзоҳо барои дастгирии номзадонро дар хориҷи кишвар маҳрум сохт.[24] Чунин монеаҳои мурофиавӣ ҷамъоварии имзоҳоро пурташвиштар намуд.

Дар санаи 2-юми октябр, се ҳизб – ҲКТ, ҲДТ ва ҲСТ – аз КМИР дархост намуданд, ки мӯҳлати пешниҳоди имзоҳо то санаи 7-уми октябр тамдид карда шавад. Онҳо сабаби дархости худро дар кам будани вақт барои ҷамъ намудани миқдори зарурии имзоҳо шарҳ додаанд. КМИР дархости онҳоро пазируфта, мӯҳлатро то соати 18-и 10-уми октябр тамдид намуд.

Дар санаи 10-уми октябр, баъд аз ба қайд гирифтани шаш номзад, КМИР эълом дошт, ки имзоҳоро то саҳари рӯзи ояндааш пешниҳод кардан мукин аст. 11-уми октябр, номзади ҲНИТ, хонум Ойниҳол

---

17 Дар банди 17-и Эроди Умумии 1996 таҳти №25 зери Моддаи 25-и АБҲШС чунин омадааст: "агар аз номзад тақозо гардад, ки ӯ миқдори ҳадди аққали ҷонибдоронро бахри пешбарӣ шудан ба даст орад, ин талабот бояд асоснок буда, набояд чун садди роҳи номзадӣ гардад". Қисми 1.3 (ii)-и Комиссияи Венетсиягии Аврупо оид ба Кодекси Таҷрибаи Хуб дар Масоили Интихоботӣ ба таври зайл тавсия медиҳад: "Қонун набояд шумораи аз 1 %-и интихобкунандагон тақозо кунад".

18 Президенти кунунӣ аз ҷониби ҲХДТ, инчунин Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақил ва Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон пешбарӣ гардидааст.

19 Банди 7.5-и Санади Копенҳагени САҲА 1990 аз Давлатҳои иштироккунанда тақозо мекунад, ки "эҳтиром ҳуқуқи шаҳрвандонро ба дастёб гаштан ба мақоми сиёсӣ ва давлатӣ, инфиродан ё ҳамчун намояндагони ҳизбҳо ё созмонҳои сиёсӣ бе вуҷуди табъиз ба ҷо биёранд".

20 Ҳарчанд панҷ фоизи интихобкунандагон аз ҳисоби умумие, ки КМИР эълон кардааст 201,246 нафарро ташкил мекунад, аммо аз болои ҷамъоварии ҳадди аққали 210,000 имзо ҳеҷ номзаде даъво накард.

21 Банди 77-и Дастурамали Комиссияи САҲА/ДИДҲБ ва Венетсия оид ба Танзими Ҳизби Сиёсӣ чунин тавсия пешниҳод менамояд: "барои таҳкими гуногунфикрӣ ва озодии иттиҳодияҳо, қонунгузорӣ набояд пеши роҳи шаҳрвандонро аз имзо кардани варақаҳо ба ҷонибдории танҳо як ҳизб гирад", нигаред ба сомонаи http://www.osce.org/odihr/77812 .

22 Тибқи Қарори КМИР таҳти № 39, истифодаи варақаҳои имзоҷамъкуние, ки дар як ноҳия тасдиқ шудаанд дар дигар ноҳия манъ аст.

23 ҚИП ва Қарори КМИР таҳти № 39 ҳеҷ гуна салоҳияте ба мақомоти маҳаллӣ барои тафтиши имзоҳои ҷамъшуда намедиҳад.

24 Мувофиқи Моддаи 2.с-и Конвенсияи ИДМ дар бораи Меъёрҳои Интихоботҳои Демократӣ, Ҳуқуқ ва Озодиҳои Интихобот, "Ҳар шаҳрванде, ки дар замони баргузории интихоботҳои миллӣ берун аз ватани худ зиндагӣ ё иқомат дорад, айнан мисли дигар ҳамватанонашон ҳуқуқи дар интихобот иштирок карданро доранд". Намояндагиҳои дипломатӣ ва иншоотҳои консулгарии давлат ва ашхоси расмии он барои тадбиқи ҳуқуқу озодиҳои овоздиҳии шаҳрвандон бояд мусоидат кунанд". Инчунин, нигаред ба қисмати Арзу Шикоятҳо.

Бобоназарова изҳор дошт, ки ӯ танҳо 201,326 имзо ҷамъ овардааст ва дар интихобот ҳамчун номзад буда наметавонад. ҲНИТ ба МНИ САҲА/ДИДҲБ иттилоъ дода, тариқи васоити ахбори омма низ гузориш дод, ки онҳо дар ин амал бо сабаби хунукназарӣ ва ҳузур надоштани ашхоси расмии маҳаллӣ барои тасдиқ намудани варақаҳои ҷамъоварии имзоҳо[25] ба дермонӣ ва тӯл кашидани кор рӯ ба рӯ гаштаанд ва ғайр аз он, баъзе интихобкунандагон аз тарси зери таъқиб қарор гирифтан намехостанд ба тарафдории номзади онҳо имзо гузоранд. Дар робита ба ин ҳолат, МНИ САҲА/ДИДҲБ якчанд изҳоротҳои боэътимод қабул намудааст.

Зиёда аз 1.3 миллион имзо ба КМИР пешниҳод карда шуд. Якчанд мусоҳибони МНИ САҲА/ДИДҲБ аз иқтидори сохтории баъзе номзадон ҷиҳати ҷамъоварии шумораи зарурии имзоҳо суол кардаанд.[26] КМИР имзоҳои пешниҳодшударо дар муддати камтар аз як ҳафта баррасӣ намуд. КМИР дар хусуси тафтиши имзоҳо барои пешбарикунӣ қоидаву тартиботи аниқеро баррасӣ накардааст, ки ин то андозае шаффофият ва адолатнокии ҷараёни бақайдгирии номзадонро зери суол мегузорад.

**Маъракаи Пешазинтихоботӣ**

Рақобатнокӣ ва гуногунфикрии воқеӣ дар маъракаҳои пешазинтихоботӣ мавҷуд набудаанд. Маъракаи пешазинтихоботӣ хеле ноайён буд, аммо он дар се рӯзи охир хеле пурҷӯш гардид. Дар маҷмӯъ, маъракаи пешазинтихоботӣ шавқу завқи камро ба миён овард, сарфи назар аз он ки кӯшиши ҳукумат баҳри воқифгардонии омма тариқи лавҳаҳо ва васоити ахбори омма дар бораи интихобот ва даъвати онҳо барои додани овоздиҳӣ равона гардида буданд.

Мутобиқи ҚИП аз КМИР ва КҲИ талаб карда мешавад, ки барои ҳамаи номзадҳо дар маъракаи пешазинтихоботӣ шароитҳои баробарро фароҳам оварда, дар ташкил кардани маъракаи пешазинтихоботӣ ба номзадон кӯмак кунанд. КМИР нақшаи умумимиллии вохӯриҳои номзадҳоро бо интихобкунандагон тасдиқ намуд. Президенти феълӣ дар вохӯриҳои аз ҷониби КМИР тасдиқшуда иштирок накард, вале шахсони боэътимодаш ӯро намояндагӣ намудаанд. МНИ САҲА/ДИДҲБ нӯҳ вохӯриҳои аз тарафи КМИР тасдиқгардидаи номзадон ё намояндагони онҳоро бо интихобкунандагон мавриди мушоҳида қарор дод, ки ҳамаи он вохӯриҳо аз ҷониби ашхоси расмии интихобот идора карда шудаанд. Номзадҳо ё ашхоси боэътимоди онҳо худро муаррифӣ намуда, барномаҳои худро пешкаш намуданд. Гарчанде ки сатҳи иштирок баланд буд, вале маҷлисҳо қолабӣ буда, дар байни номзадҳо баҳсҳои хеле кам ба миён омад.[27] Тибқи мушоҳидаҳои МНИ САҲА/ДИДҲБ, баъзе мулоқотҳои пешазинтихоботӣ берун аз шакли қаблан қабулшуда аз ҷониби ҲКТ, ҲДТ, ҲХДТ ва ҲИИТ баргузор гардиданд. Дар маҷмӯъ, ҷавонон дар маъракаҳои пешазинтихоботӣ ҳузур надоштанд, ба истиснои он ҳолатҳое, ки дар рӯзҳои охири маъракаи пешазинтихоботӣ аз тарафи ҲХДТ баъзе сайю кӯшишҳо карда шуданд.

КМИР 5,500 лавҳаҳои стандартиро барои ҳар яке аз шаш номзад интишор кард. Кӯшишҳои КМИР дар хусуси таъмини шароитҳои баробари маъракаи пешазинтихоботӣ барои ҳамаи номзадон сазовори

---

25 Мувофиқи як қатор гузоришҳои намояндагони ҲНИТ ба МНИ САҲА/ДИДҲБ, онҳо ба монеаҳои маъмурӣ дучор гаштанд. Дар таърихи 25-уми сентябр, КМИР дар мавриди ин масъала ба раисони ноҳияву шаҳрҳо мактуби расмие ирсол намуд ва ҳамзамон хоҳиш кард, ки дар раванди ҷамъоварии имзоҳо мусоидат намоянд.

26 Баъзе ашхоси расмии ҲХДТ ба МНИ САҲА/ДИДҲБ хабар додаанд, ки ҳизби онҳо қисман дигар ҳизбҳои хурдтарро дар раванди ҷамъоварии шумораи зарурии имзоҳо кӯмак карданд.

27 Дар чорабиниҳои маҳаллии деҳот то 150 нафар иштирок намудаанд, аммо дар шаҳрҳо миқдори иштирокчиён ба миқдори 700 нафар расидаанд, ки қисмати зиёди онҳо хизматчиёни буҷавӣ будаанд, чун муаллимон.

ифтихор мебошад. Новобаста аз ин шакли қаблан муқарраршуда ва стандартишудаи усулҳои калидии маъракаи пешазинтихоботӣ , ба мисли мулоқотҳо бо интихобкунандагон ва маводҳои маъракаҳои пешазинтихоботӣ ба маъракаи пешазинтихоботии равшан ва рақобатпазир мусоидат накард.

Маъракаи пешазинтихоботӣ аз баҳсҳои воқеӣ холӣ буданд. Ашхоси боэътимоди Президенти кунунӣ аз дастовардҳои сулҳ ва амонӣ хотиррасон карда, ваъда додаанд, ки минбаъд баҳри беҳбуди некӯаҳволии мардум сайю кӯшишҳо мекунанд. Дигар номзадҳо масоили вобаста ба кишоварзӣ, ҳифзи саломатӣ, маориф ва муҳоҷиратро мавриди муҳокима қарор доданд. Аксари номзадон аз ифодаи фикрҳои мухолифи Президенти феълӣ ё ҳукумат худдорӣ намудаанд. Гуногунандешӣ дар маъракаи пешазинтихоботӣ метавонист тавассути иштироки номзадҳое таҳким ёбад, ки фикру андешаҳои онҳо бар хилофи ҳукумат бошанд.[28]

Дар байни намоёнии Президенти кунунӣ ва панҷ номзади дигар фарқияти калон вуҷуд дошт. Президенти феълӣ ба тамоми манотиқи кишвар сафар карда, дар маросимҳои гуногун ширкат дошт, бо намояндагони доираҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ вохӯриҳо баргузор намуд ва ба кушодашавии иншоотҳои таълимӣ, варзишӣ, саноатӣ ва манзилӣ ҳусни ифтитоҳ бахшида, тӯҳфаҳо тақсим намуд. Плакату лавҳаҳои таблиғотии бо расми Президенти кунунӣ дар саросари кишвар овехта шуда, ҳеҷ гуна кӯчае бо таблиғу намоиши дигар номзадҳо ба мушоҳида нарасид.[29]

Банди 5.4-и Санади Копенҳаген САҲА 1990 "тақсимоти возеҳи байни Давлат ва ҳизбҳои сиёсӣ"-ро пешбинӣ менамояд. Мақомот сари роҳи сӯистеъмолкунии захираҳои маъмуриро нагирифта, илова бар он, фарқияти байни давлат ва ҳизбҳои сиёсӣ дар бисёр мавридҳо норавшан буд.[30]

**Маблағгузории Маъракаи Пешазинтихоботӣ**

ҚИП харҷи баробари маблағҳои давлатиро барои маъракаи пешазинтихоботӣ барои тамоми номзадҳо кафолат медиҳад, лекин масъалаҳои марбут ба маблағгузории маъракаи пешазинтихоботиро, ба мисли ҳисоботдиҳии саривақтӣ доир ба маблағҳо ва хароҷоти маъракаи пешазинтихоботӣ ё назорати ҳизби сиёсӣ ва маблағҳои маъракаи пешазинтихоботӣ ба тарзи шаффоф ва масъул пайгирӣ намекунад. Бо вуҷуди ин, КМИР қабл аз интихобот муқарраротеро ворид намуд, ки тибқи он номзадон бояд ҳисоботи молиявӣ оид ба маблағҳои давлатии аз КМИР гирифташуда пешниҳод намоянд.

Ҳар як номзад аз КМИР ҳуқуқи гирифтани 25,000 сомониро дошт.[31] Ҳар як сохтори пешбарикунанда низ хаққи дар чорабиниҳои пешазинтихоботӣ ба номзади худ то 200,000 сомонӣ харҷ намуданро доштанд. Оё сохторҳои гуногуне, ки як номзадро пешбарӣ карданд, ҳар кадом дар алоҳидагӣ ҳуқуқи ин миқдори маблағро сарф кардан дорад ё не, норавшан боқӣ мемонад.[32] Ғайр аз як ҳизби сиёсӣ дигар ҳамаашон дар

[28] Якчанд мусоҳибон ба МБНИ САҲА/ДИДҲБ хабар додан, ки агар хонум Бобоназарова ба қайд гирифта мешуд, дар ин сурат маъракаи интихобот фаъолтар мешуд, аҳли ҷомеъа ва ВАО бештар дахолат мекарданд ва масъалаҳои асосӣ чунислоҳоти конститутсионӣ, дар мадди аввал гузошта мешуданд.

[29] МБНИ САҲА/ДИДҲБ гирифтани чунин плакатҳоро як руз пеш аз интихобот мушоҳида карданд.

[30] Масалан, дар чанд вилоятҳо МБНИ САҲА/ДИДҲБ гузаронидани маъракаи пешазинтихоботиро аз ҷониби маъмурияти маҳаллӣ, ки аз номи Президенти воқеӣ буд мушоҳида намудаанд. Ба ғайр аз ин, якчанд донишҷӯён ва муаллимон ба МБНИ САҲА/ДИДҲБ хабар додаан, ки онҳоро барои дар чорабиниҳои пешазинтихоботии ҲХДТ иштирок намудан вазифадор кардаанд.

[31] 1 евро тахминан баробар ба 6.5 сомонӣ.

[32] Инчунин номаълум аст, ки субъектони номзади худро пешбарикарда татбиқ мешавад, ки аз тарафи давлат маблағгузорӣ мешавад. Намояндагони Федератсияи Иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон, ки дар қатори дигар ташкилотҳо номзади Президенти воқеиро пешбарӣ намудааст, баён карданд, ки ягон маблағ барои чорабиниҳои пешазинтихоботӣ сарф нахоҳанд кард.

рафти мулоқот бо МНИ САҲА/ДИДҲБ чунин изҳор доштанд, ки онҳо барои маъракаи пешазинтихоботии номзадашон аз ҳисоби маблағҳои худашон сарф мекунанд.

**Воситаҳои Ахбори Омма (ВАО)**

Тамоми воситаҳои ахбори омма, ки пахши саросари кишварро дарбар мегиранд, манбаи асосии иттилоот дар бораи кишвар маҳсуб меёбад ва аз ҳукумат мустақил набуда, мавқеи ҳукуматро бе таҳлилу эрод инъикос мекунанд. Гарчанде ки интернет ва воситаҳои нашриётӣ фикру мулоҳизаҳои гуногунро пешкаш мекунанд, вале аксарияти овоздиҳандагон имкони дастрасии мунтазам ба чунин иттилоотро надоранд, ки сабаби он арзишҳои нисбатан баланд ё дастрасии маҳдуд берун аз нуқтаҳои шаҳр мебошад. Сарфи назар аз беҳтар гардидани заминаи ҳуқуқӣ, ки ба озодии матбуот равона шудааст, якчанд мусоҳибони МНИ САҲА/ДИДҲБ тасдиқ кардаанд, ки бинобар сабаби тарсу ҳаррос аз муҷозодҳои маъмурӣ ва даъвоҳои судӣ худсензурӣ таҷрибаи маъмулии рӯзноманигорӣ дониста мешавад.

Тибқи натиҷаҳои мониторингии МНИ САҲА/ДИДҲБ роҷеъ ба васоити ахбори омма[33], шабакаҳои давлатии *ТВ Шабакаи 1, ТВ Сафина ва ТВ Ҷаҳоннамо* дар эфир вақтҳои баробарро барои номзадон дар бахшҳои ахбории худ дар бораи вохӯриҳои якҷояи аз тарафи КМИР ба нақша гирифташудаи номзадон бо интихобкунандагон ҷудо намуд. Илова бар ин, шабакаҳои давлатӣ барномаи қаблан дарҷгардидаи баҳси миёни панҷ номзад ва шахси боэътимоди Президенти феълиро ду рӯз пеш аз санаи интихобот пахш намуд. Кулли васоити ахбори омма низ ба ҳамаи шаш номзад (ё шахсони боэътимоди онҳо) дар эфир ва матбуот вақту имкониятҳои баробарро баҳри гузориши барномаи кори пешазинтихоботӣ ҷудо намуд.[34]

Бо вуҷуди ин, фаъолиятҳои Президенти кунунӣ, алалхусус сафарҳои вай ба манотиқи кишвар аз ҷониби шабакаҳои иттилоотии давлатӣ ба таври васеъ, мусбӣ ва аксаран идона роҳандозӣ шуда, аз ҳамаи дигар номзадҳо дар якҷоягӣ дида ба ӯ пахши иттилоотии бештар пешкаш намуданд. Барномаҳои иттилоотӣ дар *ТВ Шабакаи 1* аз аввали давраи маъракаи пешазинтихоботӣ 90 фоизи (зиёда аз 15 соат) вақти худро ба Президенти ҳозира, бештар ба сифати президент бахшиданд; боқимонда 10 фоиз байни панҷ номзади дигар мутаносибан ҷудо карданд (ҳудуди 20 дақиқа ба ҳар як номзад). Пахши маъракаи пешазинтихоботӣ бо ҳамин усул аз ҷониби дигар васоити давлатии ахбори омма низ роҳандозӣ гардид. Гарчанде ки тибқи қонунгузорӣ ӯҳдадорие мавҷуд аст, ки паёмҳои расмии президент ва дигар мақомоти давлатӣ бояд пахш карда шаванд, лекин дараҷаи пахшнамоӣ ва набудани усули калидии таҳририӣ фикрҳои нодурусро нисбат ба Президенти кунунӣ ба таври аён нишон медиҳад. Ҳолати мазкур ба сатҳи

---

33 8 октябри МБНИ САҲА/ДИДҲБ мониторинги миқдорӣ ва сифатии се шабакаҳои телевизионии давлатӣ, се радио ва даҳ рӯзномаҳоро оғоз намуд. ВАО-е, ки мониторинг шуданд, ин шабакаҳои телевизиони буданд: *ТВ «Точикистон»*, *ТВ «Сафина»* и *ТВ «Чахоннамо»*; радиоҳо: *Радиои «Тоҷикистон», Радиои «Ховар» ва Радиои «Имрӯз»*; рӯзномаҳо: «*Ҷумхурият», «Садои мардум», «Озодагон», «Миллат», «Народная газета», «Азия Плюс», «Бизнес и политика», «Имрӯз Нюс», «Фараж»* и *«Нигоҳ»*. Ба ғайр аз ин, дар давоми се ҳафтаи охирин то рӯзи интихобот инчунин мониторинги як қатор барномаҳои хабарҳои навигарии радиои «*Озодӣ*» ва радиои «*Садои Хуҷанд*» гузаронида мешуд.

34 Мувофиқи дастурамалҳои КМИР бояд ба ҳар як номзад 30 дақиқаи ройгон дар яке аз шабакаҳои телевизионии давлатӣ ҷудо мешуд. Ғайр аз ин, шахсони боэътимоди ҳар як номзад ба 20 дақиқаи ройгон вақти эфирӣ ҳуқуқ доштанд. Бар хилофи дастурамалҳои КМИР, се шабакаҳои телевизионии давлатӣ ҳамагӣ 90 дақиқа ба ҳар як номзад пешниҳод кардаанд. Ғайр аз ин, ба ҳар як номзад бо хоҳиши худи онҳо барои нашр оид ба платформаҳои пешазинтихоботӣ 10 саҳифаи чопӣ дар маҷалаҳои давлатӣ пешниҳод гардид.

майдони бозии номзадҳо таъсир расонда, ба Президенти феълӣ афзалиятҳои зиёде дод, ки ин бар хилофи ӯҳдадориҳои САҲА мебошад.[35]

Инъикоси номзадон ва маъракаи пешазинтихоботӣ тариқи рӯзномаҳои давлатӣ ба монанди шабакаҳои давлатӣ гузаронида шуд. Ҳангоме ки баъзе нашриётҳои иттилоотии хусусӣ васфи бештар эродноки Президенти кунунӣ ва мухолифинро манзури омма қарор дода, пахши умумии маъракаи пешазинтихоботӣ аз ҷониби васоити нашриявии иттилоотӣ маҳдуд гардиданд ва шакли қолабии маъракаи чорабиниҳои мазкурро инъикос менамоянд.

Ҳамаи омилҳои дар боло зикргардида дастрасии интихобкунандагонро ба гуногуншаклии умумии фикру ақидаҳо баҳри донистa интихоб намудан зери суол гузошт, ки ин хилофи ӯҳдадориҳои САҲА мебошад.[36]

### Аққалиятҳои Миллӣ

Гурӯҳи аққалияти асосӣ дар кишвар тоҷикон буда, онҳо 84.2 фоизи аҳолиро ташкил менамоянд. Дигар гурӯҳҳо иборат аз ӯзбекҳо (12.2 фоиз), қирғизҳо (0.8 фоиз) ва русҳо (0.5 фоиз). Боқимонда 2.3 фоизи аҳолии кишварро дигар аққалиятҳои миллӣ ташкил мекунанд.[37]

Ду нафар аз аъзоёни КМИР аз ҷумлаи аққалиятҳои миллӣ мебошанд. Дар минтақаҳои дорои аҳолии аққалиятҳои миллӣ, варақаҳои интихоботӣ бо забонҳои он аққалиятҳои нашр гардиданд.[38] Бо вуҷуди ин, КМИР тамоми маводҳои маърифатии интихобкунандаро ба забони тоҷикӣ нашр кард.[39] Ҳарчанд набудани маводҳои маърифатии интихобкунанда бо забонҳои ӯзбекӣ ва қирғизӣ нофаҳмии ҷиддиеро дар ҷомеаҳои ин халқиятҳо ба миён наоварад, вале таҷрибаи мазкур мувофиқи меъёрҳои байналмилалӣ ва ӯҳдадориҳои САҲА нест.[40] Масоили марбут ба аққалиятҳои миллӣ ва муносибати байни миллатҳо дар маъракаҳои пешазинтихоботӣ бардошта нашуданд. Дар рафти маъракаҳои интихоботӣ ҳеҷ гуна ҳолати алоҳидае оид ба табъиз аз рӯи мансубият ба ягон халқият мушоҳида ва ба қайд гирифта нашуд.

### Арзу Шикоятҳо

Ҳалли баҳсҳои интихоботӣ аслан дар доираи салоҳияти дугонаи комиссияҳои интихоботӣ ва судҳо мебошад. Ҳангоми мавриди арзёбӣ қарор гирифтани ҚИП, САҲА/ДИДҲБ қаблан ҳолатҳои номувофиқии қарорҳоро дар рӯ ба рӯ омадани қазовати комиссияҳои интихоботӣ ва судҳо зикр карда буд. Комиссияҳои интихоботӣ метавонанд шикоятҳоро нисбати бақайдгирӣ, инчунин қарорҳо, амалӣ ва беамалии комиссияҳои интихоботии сатҳи поёнӣ қабул намоянд. Судҳо аризаҳои вобаста ба вайрон кардани ҳуқуқҳоро қабул намуда, аз болои қарорҳои комиссияҳои интихоботӣ шикоят баранд. Танҳо номзадон аз болои натиҷаҳои интихобот дорои ҳуқуқи баҳсу мунозира кардан мебошанд.[41] Вуҷуд

---

35 Банди 7.6-и Санади Копенҳагени САҲА 1990 аз давлатҳои иштироккунанда талаб менамояд, ки "…кафолатҳои ҳуқуқии лозимаро, ки барои рақобат бо ҳамдигар дар асоси баробарӣ дар назди қонун ва мақомотҳои ҳокимият ба… ҳизбҳои сиёсӣ пешниҳод карда шавад".

36 Банди 7.8-и Санади Копенҳагени САҲА 1990 аз давлатҳои иштироккунанда талаб менамояд, ки "ягон монеаҳои ҳуқуқӣ ва маъмурӣ барои дастрасии бемамоният ба ВАО дар асоси ғайритабъизӣ барои ҳамаи гурӯҳҳои сиёсӣ ва шахсони алоҳида, ки хоҳиши дар ҷараёни овоздиҳи иштирок карданро доранд".

37 Маълумотҳо дар асоси барӯйхатгирии аҳолии соли 2010 гирифта шуда, дар сайти мазкур дастрас аст http://www.stat.tj/en/img/526b8592e834fcaaccec26a22965ea2b_1355502192.pdf .

38 Аз рӯи маълумотҳои КМИР 500 000 дона бюллетен ба забони ӯзбекӣ, 20 000 ба забони қирғизӣ ва 5000 ба забони русӣ нашр гардид.

39 Дастурамалҳо оид ба иштироки нозирон ва ВАО инчунини ба забонҳои русӣ ва англисӣ низ чоп шудаанд.

40 Дар банди 32.5-и Санади Копенҳагени САҲА 1990 гуфта мешавад, ки " шахсоне ба ақалиятҳо мансуббуда ҳуқуқ доранд [...] барои вусъат додан, дасрас будан ва мубодилаи маълумот дар забони модарии худ". Банди 12-и Эроди Умумии таҳти рақами 25 ба Моддаи 25-и АБҲШС, оварда шудааст, ки "маълумот ва маводҳо оиди тартиби овоздиҳӣ дар забонҳои аққалиятҳои миллӣ бояд нашр гарданд".

41 Номзадон метавонанд доир ба натиҷаҳои интихобот дар ҳавзаҳои алоҳида, ё ин ки дар миқёси давлатӣ дар КМИР, ки натиҷаҳоро метавонад нодуруст этироф кунад талош намоянд.

надоштани имконияти баҳс кардан барои дигар ҷонибҳои манфиатдор бар хилофи таҷрибаи хуби интихобот дониста мешавад.[42] ҚИП эҳтимолияти ҳисоби такрории овозҳоро пешбинӣ наменамояд. Ба ғайр аз ҚИП, КМИР барои комиссияҳои интихоботӣ дастурамалеро доир ба баррасии шикоятҳо таҳия намуд.

Низоми ҳалли баҳсҳои марбут ба интихобот ба қадри чашмрас носанҷида монданд, ки сабаби он дар маҳдуд будани шумораи шикоятҳои расмӣ мебошад. Чи тавре ки КМИР иттилоъ дод, он тариқи телефон зиёда аз 20 шикояти ҲНИТ-ро дар хусуси ба монеаҳо рӯ ба рӯ гаштани онҳо ҳангоми ҷамъоварии имзоҳо қабул намуда, пайгирӣ кард. ҲНИТ аризаҳои хаттии худро ба КҲИ ва КМИР ирсол намуда, аз онҳо ҷавобҳои хаттӣ гирифт.[43] Дар КМИР шикоятҳои воридгашта аз дигар иртиботҳо дида алоҳида ба қайд гирифта шуданд, лекин талаботи чунин қайди алоҳида норавшан буда, қарорҳои вобаста ба масоили интихобот бе шунидани оммавӣ мавриди қабул қарор гирифтанд.

Усулҳои ҳуқуқии дур намудани поймолкунии ҳуқуқҳои интихобкунандагон дар маҷмӯъ аз рӯи қонун[44] танзим пешбинӣ гардидааст, гарчанде ки баъзе мусоҳибони МНИ САҲА/ДИДҲБ аз надоштани эътимоди худ ба самаранокии низоми мазкур изҳор намуданд. Аз тарафи ҲНИТ ба Суди Конститутсионӣ ду аризаи даъвогӣ ирсол гардид. Аризаи якум оид ба рафтори ғайриконститутсионии кормандони давлатӣ буд, ки гӯё ба фаъолиятҳои ҳизб монеаҳо оварданд, ва ин ариза аз сабаби надоштани асоси қонунӣ рад карда шуд.[45] Дуюм ариза муқаррароти ҚИП-ро барои тақозои тасдиқ намудани варақаҳои ҷамъоварии имзоҳо аз тарафи мақомоти маҳаллӣ мавриди эрод қарор дода, чунин арз намуданд, ки ин амали ғайриконститутсионӣ ҳуқуқи шаҳрвандони Тоҷикистонро барои пешбарӣ намудани номзади арзандаашон маҳдуд менамояд. Аризаи зикргардида дар сатҳи мурофиавӣ бе баррасии сазовор рад карда шуд.[46] Шикояти ҲНИТ аз болои Кумитаи давлатии радио ва телевизион ва шабакаҳои телевизионии давлатӣ низ дар сатҳи мурофиавӣ рад карда шуд.[47]

## Нозирони Миллӣ ва Байналмилалӣ

Қонун дар бораи интихоботи Президент назоратро аз ҷониби шаҳрвандони ғайриҳизбӣ пешбинӣ накардааст, вале ба намояндагони ВАО ва ба он сохторҳое иҷозат дода мешавад, ки номзадҳои худро пешбарӣ намоянд.[48] КМИР иттилоъ дод, ки КҲИ 5770 нозирони миллиро аккредитатсия намудаанд.

Иштироки нозирони байналмилалӣ дар қонун пешбинӣ шудааст ва онҳо аз ҷониби КМИР аккредитатсия мешаванд. Он 502 нозирро аз созмонҳои байналхалқӣ ва намояндагиҳои дипломатии муқими Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсия намудааст.

---

42 Нигаред, масалан ба қисми 3.3.f-и Маҷлиси Комиссияи Венетсиягии Аврупо соли 2002 оид ба Кодекси Таҷрибаи Хуб дар Масоили Интихоботӣ, ки чунин тавсия медиҳад, ки ҳамаи номзадон ва интихобкунандагон , дар ҳавзаҳои марбута бақайдгирифташуда ҳуқуқи шикоят карданро доранд. Мавҷудияти кворум метавонад сабаби талош бурдани интихобкунандагонро оид ба натиҷаҳои интихобот бошад.

43 Дархостҳо оид ба ворид намудани аъзоёни ҲНИТ ба ҳайъати комиссияҳои интихоботӣ, ки ба КҲИ 26 (Ҳуҷанд), КҲИ 27 (Исфара) ва КМИР дода шудаанд, рад карда шудаанд. Як дархости ҲНИТ дар бораи муайян кардани тартиби ҷамъоварии имзоҳои интихобкунандагон дар хориҷи кишвар ба КМИР дида мешуд. КМИР ба он ҷавоб дод, ки ҷамъоварии имзоҳои интихобкунандагон дар хориҷи кишвар қонун пешбинӣ намекунад.

44 Шикоятҳо дар бораи вайронкунии ҳуқуқҳои интихоботӣ мувофиқи моддаи 206-и Кодекси мурофиаи гражданӣ метавонад дар муддати танҳо 40 рӯз пеш аз интихобот пешниҳод шаванд, бо сабаби он воситаи мазкури ҳимоя дар тӯли 10 рӯзи аввали ҷамъоварии имзоҳо ва дар рӯзи интихобот дастнорас мемонад.

45 Дар Таъйиноти Суди Конститутсионӣ аз 4-уми октябр, суд ҳавасмандона баён кард, ки ваколатҳои баррасии амалҳои шахсони вазифадорро надорад, чуноне ки ин ба салоҳияти суди юрисдиксияи умумӣ дохил мешавад.

46 Дар Таъйинот аз 17-уми октябр суд баён кард, ки байни қавоиди ҚИП ва Конститутсия "мухолифат вуҷуд надорад"

47 19-уми сентяр ҲНИТ бо талаботҳои қатъ кардани тарғиботи зидди ҲНИТ ва пурсидани бахшиш ба ҷавобгарон муроҷиат намуд. 18-уми октябр суд даъворо рад кард ва ба даъвогар хабар дод, ки баҳси мазкур ба суди иқтисодии шаҳри Душанбе муҳокима мегардад.

48 Банди 8-и Санади Копенҳагени САҲА 1990 пешбинӣ мекунад, ки давлатҳои иштироккунанда чунин "мешуморанд, ки иштироки нозирони миллӣ ва байналмилалӣ метавонад обрӯи раванди интихоботиро дар давлате, ки дар он интихобот баргузор мегардад, баланд бардорад".

## Рӯзи Интихобот

Рӯзи интихобот тинҷу ором гузашт. Соати 10.00-и 7-уми ноябр, КМИР эъломи пешакии иштироки интихобкунандагонро иттилоъ дод, ки он 86.6 фоизро ташкил медод.

Тартиби кушодан дар 10 фоизи участкаҳои интихоботии ташрифоварда ба таври манфӣ арзёби гардид. Норасоиҳои мурофиавӣ тез-тез ба назар мерасиданд, аз ҷумла варақаҳои овоздиҳӣ пеш аз кушодашавӣ (дар 20 фоизи участкаҳои интихоботии ташрифоварда) начандон бехатар нигоҳ дошта шуданд, қуттиҳои варақаҳо ба таври пурра муҳр зада нашуда буданд (дар 20 фоиз мавридҳо) ва на ҳамаи маводҳои интихобот пешниҳод карда шуданд (дар 20 фоиз мавридҳо).

Нозирони МБНИ ҷараёни овоздиҳиро дар 14 фоиз ҳолатҳои мушоҳидашуда манфӣ арзёбӣ менамоянд, ки ин хеле назаррас ба ҳисоб меравад. Овоздиҳӣ ба ҷои шахси дигар дар 20 фоиз участкаҳои интихоботии мавриди мушоҳида қарордошта ҷой дошта, нишонаҳои маводҳои марбут ба қуттии овоздиҳӣ дар 9 фоизи мушоҳидаҳо ҷой доштанд. Қуттиҳои овоздиҳӣ дар 24 фоизи участкаҳои интихоботии назоратшуда пурра мӯҳр нашуда буда, дар рӯйхати овоздиҳандагон имзоҳои ба якдигар монанд дар 39 фоизи ҳолатҳои назоратӣ ба чашм расиданд.

Нозирони МБНИ як қатор ҳолатҳои вайронкунии қоидаҳои мурофиавиро мушоҳида карда, нигаронии бештар ин набудани пешгирии овоздиҳии чандкарата буд. Дар 34 фоизи участкаҳои интихоботии ташрифоварда интихобкунандагон бе пешниҳоди санади муайянкунандаи шахсият овоз доданд. Ҳолатҳои овоздиҳии чандкарата дар 8 фоизи участкаҳои интихоботи ташрифовардашуда ба назар расиданд. Овоздиҳии гурӯҳӣ дар 15 фоизи участкаҳои интихоботии ташрифовардашуда мушоҳида гардид, ки ин аслан нисбати занҳо хусусияти манфӣ дошт. Нозирони МБНИ изҳор намуданд, ки ҳолатҳои дахолат кардан ба интихоби овоздиҳандангон маҳдуд буданд. Тибқи 58 ахборот, ашхоси бесалоҳияте қарор доштанд, ки ба кори КУИ-ҳо дахолат карданд ё ин ки кори онҳоро пеш мебурданд.

Дар 6 фоизи участкаҳои интихоботии назоратшуда, на ҳамаи давраҳои ҷараёни интихобот ба нозирони МБНИ чашмрас буданд, ки ин ба сатҳи пасти шаффофияти ҷараён оварда расонд. Аз ҳамаи участкаҳои интихоботии мавриди назорат қарордошта, дар 64 фоизи онҳо намояндагони номзадҳо ҳузур доштанд. Қариби 333 участкаи интихоботӣ мавриди назорат қарор гирифта (42 фоизи участкаҳои интихоботии назоратшуда) барои қабули одамони имконияташон маҳдуд омода набуданд.

Тибқи мушоҳидаҳо, ҳолати ҳисоб манфӣ арзёбӣ гашта, 34 фоизи участкаҳои интихоботии назоратшуда ҳамчун бад ё хеле бад арзёбӣ мегарданд, ки аз проблемаҳои ҷиддӣ дарак медиҳад. Нишонаҳои роҷеъ ба маводҳои қуттии овоздиҳӣ дар 16 ҳолати ҳисоб ба мушоҳида расиданд. Дар 7 участкаҳои интихоботии ташрифовардашуда, милитсия ё мақомоти маҳаллӣ ба равиши ҳисобкунӣ дахолат намуданд. Ҳисоби овозҳо дар аксар мавридҳо аз шаффофият холӣ буд. Нозирони МБНИ хабар доданд, ки дар 13 участкаҳои интихоботии мушоҳидашуда тартиботи ҳисоб ба онҳо таассуроти комилу равшан набахшид. Дар нисфи участкаҳои интихоботии назоратшуда (23 ҳолат), КУИ протоколи натиҷаҳоро тибқи талаботи КМИР барои шиносоии омма наовехтанд.

Дар аксари ҳолатҳои назоратӣ, тартиботи ҳисоб риоя нагардид. Варақаҳои овоздиҳӣ ба таври бояду шояд дар 7 ҳодисаи назоратшудаи ҳисоб гузаронда нашуд. Дар 15 ҳолати мушоҳидашудаи ҳисоб, КУИ дар пур намудани протокол душворӣ кашида, дар 17 мавриди дигар протоколҳо аз рӯи талабот бо ранг пур карда нашуда буданд. Ҳиссаи калони КУИ проседураҳои оддии ҷамъбасткуниро иҷро накарданд, аз ҷумла ҳисоб накардани миқдори имзоҳо дар рӯйхатҳои интихобкунандагон дар 25 ҳолати назоратшудаи ҳисоб, ҳисоби нодурусти шумораи овозҳо хилофи номзад (20 ҳолат). Нозирони МБНИ қайд намудани, ки дар 49 фоизи участкаҳои интихоботии назоратшуда аъзоёни КУИ аз проседураҳои ҳисоб воқиф набуданд.

Дар бисёри мавридҳо, усулҳои пешгирии дасткориҳои эҳтимолӣ вайрон карда шуданд, масалан қуттиҳои варақаҳо дар 10 ҳолат пеш аз кушодашавӣ ба таври лозима мӯҳр зада нашуда буданд. Дар 27 ҳолат, варақаҳои истифода нашуда ҳисоб карда нашуданд ва пеш аз кушодани қуттии овоздодиҳӣ бекор карда шуданд. Протоколҳои пешакӣ имзошуда дар 44 ҳолати назоратшуда ба мушоҳида расиданд.

Нозирони МБНИ ҷараёни ҷамъбасти ҷадвалҳоро аз 68 КҲИ дар 48-тои назорат намуданд. Дар 9 КҲИ рафти интихобот манфӣ баҳогузорӣ мешавад. Норасоиҳои мурофиавӣ ба мушоҳида расиданд, аз ҷумла пур намудани протоколҳо аз ҷониби КУИ дар биноҳои КҲИ (дар 21 ҳолат) ва КУИ протоколҳоро дар биноҳои КҲИ ислоҳ мекарданд (26 ҳолат). Фаъолияти нозирони МБНИ-ро дар шаш мавриди назоратӣ маҳдуд намуданд.

***Танҳо нусхаи англисии гузориши мазкур санади расмӣ ба ҳисоб меравад.***
***Тарҷумаҳои ғайрирасмӣ ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дастрас мебошанд.***

## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МИССИЯ ВА СИПОСГУЗОРӢ

Душанбе, 7-уми ноябри 2013 – Дафтари МНИ САҲА/ДИДҲБ дар Душанбе дар таърихи 2-юми октябр кушода шуд. Он аз 13 коршинос дар пойтахт ва 16 нозири дарозмуддат дар саросари кишвар иборат мебошад.

Дар рӯзи интихобот, 221 нозир аз 37 кишвар сафарбар гардиданд, аз ҷумла 178 нозири дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат аз ҷониби САҲА/ДИДҲБ, инчунин 34 аъзоёни парлумон ва кормандони АП-и САҲА ва 9 нафар аз ПА. Кушодашавӣ дар 82 участкаи интихоботӣ ва овоздиҳӣ дар 687 участкаи интихоботии тамоми кишвар мавриди назорат қарор гирифтанд. Ҳисоби овозҳо дар 61 участкаи интихоботӣ мушоҳида гардид. Ҷараёни муайян намудани овозҳо дар 48 КҲИ мушоҳида шуд.

Ҳайати нозирон луфтан миннатдории худро ба мақомоти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои даъват намудан ба назорати интихобот, ба Комиссияи марказии иттилоот ва раъйпурсӣ барои ҳамкорӣ ва аккредитатсияи нозирон, инчунин ба Вазорати корҳои хориҷӣ ва дигар сохторҳои дахлдор барои кӯмак ва ҳамкориашон изҳор менамоянд.

Барои маълумоти бештар, луфтан ба шахсони зерин муроҷиат намоед:

- Сафир Параскива Бадеску, Сардори МНИ САҲА/ИДҲБ дар Душанбе (+992 44 600 3940);
- Томас Раймер, Сухангӯи САҲА/ДИДҲБ (+48 609 522 266);

  Алексей Громов, Мушовири САҲА/ДИДҲБ оид ба интихобот дар Варшава (+48 22 520 0600);
- Анна Чернова, директори барномаи АП САҲА, (+992 987820054), (+45 60108383);
- Николина Василева, ПА, шӯъбаи назорати интихоботӣ (+32 228 41432).

**Суроғаи МНИ САҲА/ДИДҲБ:**

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе 734003, хиёбони Рӯдакӣ, Рӯдакӣ Плаза, ошёнаи 10-ум.

Тел: (+992) 44 600 39 40; факс: (+992) 44 600 39 41; почтаи электронӣ: office@odihr.tj